**Бо фармоиши Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 30 октябри соли 2017 №4**
**тасдиқ карда шудааст**

# НИЗОМНОМАИ
## Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ) дар асоси моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади таъмини дастрасии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (минбаъд - ВҲИ) ба шаҳрвандон, татбиқи ҳуқуқи инсон ба муроҷиат ба мақомоти ВҲИ, инчунин мусоидат ба ВҲИ барои дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани ваколатҳои он таъсис дода мешавад.

1.2. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамин Низомнома, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ташкил медиҳанд.

1.3. Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ мақоми ёрирасон ва машваратии назди ВҲИ буда, фаъолияти онҳо аз кор бо муроҷиати шаҳрвандон доир ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, амалӣ намудани мониторинги риояи ҳуқуқи инсон, гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ ва фаҳмондадиҳӣ, инчунин фаъолияти дигар, ки ҳамин Низомнома пешбинӣ намудааст, иборат мебошад

1.4. Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ мумкин аст дар ВМКБ, вилоятҳо, минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо таъсис дода шаванд.

## II. Ҳуқуқ ва вазифаҳои Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ

2.1. Ба салоҳияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ инҳо дохил мешаванд::

- қабули шаҳрвандони ба ВҲИ муроҷиаткунанда;
- ба шаҳрвандон фаҳмонидани салоҳияти ВҲИ, ҳуқуқҳои он ва шаклҳои вокуниш ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои вайроншудаи инсон;
- ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар сохтору ташкилотҳо фиристодани муроҷиати шаҳрвандон ва назорати баррасии онҳо, аз онҳо дархост намудани маълумотҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- дар Қабулгоҳи ҷамъиятӣ таъмини иттилоот дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва воситаҳои ҳифзи онҳо, вазифаҳои ВҲИ оид ба ҳимояи

ҳуқуқу озодиҳои инсон, тартиби муроҷиат ба ВҲИ, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

- ба шаҳрвандоне, ки ба Қабулгоҳи ҷамъиятӣ муроҷиат менамоянд расонидани кӯмаки бемузди ҳуқуқӣ;

- ҷамъоварӣ ва таҳлили муроҷиатхое, ки бевосита ба салоҳияти ВҲИ мансубанд, муроҷиатҳое, ки дорои маълумотҳои вайронкунии дағалона ва оммавии ҳуқуқҳои инсон мебошанд, инчунин муроҷиатҳое, ки тавассути ВҲИ оид ба ҳуқуқи инсон ба мақомоти марказии ҳокимияти давлати фиристода мешаванд ва пешниҳоди онҳо ба ВҲИ;

- ба арзкунандагон фаҳмонидани ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва шаклҳои самараноки ҳимояи онҳо;

- ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо;

- бо супориши ВҲИ ташкил ва гузаронидани санҷиши хабарҳо оид ба ҳодисаҳои ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон, инчунин ариза ва шикоятҳои алоҳидаи шаҳрвандон;

- ҷамъоварӣ, омӯзиш, таҳлили иттилоотӣ аз мақомоти худидоракунӣ ва ташкилотҳо, аз муроҷиати шаҳрвандон, хабарҳои васоити ахбори омма оид ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон бадастомада;

- бо супориши ВҲИ гузаронидани мониторинги риояи ҳуқуқи инсон;

- гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ, ташвиқотию тарғиботӣ оид ба ҳуқуқи инсон;

- ба ВҲИ расонидани кӯмаки иттилоотӣ ва таҳлилӣ, аз ҷумла таҳияи ҳисоботҳо оид ба фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ, ки инҳоро бояд дар бар гиранд:

а) таҳлили оморӣ ва ҷамъбастии муроҷиати шаҳрвандон;

б) пешниҳодҳо оид ба ҳолатҳои мушаххаси вайроншудаи ҳуқуқи инсон, инчунин тавсияҳо оиди ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонунҳо;

в) таҳлили масъалаҳо оиди риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар маҳалҳо.

- татбиқи супоришҳо, дархостҳо ва дигар санадҳои ВҲИ дар маҳали фаъолият;

- иҷрои дигар супоришҳои ВҲИ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон.

2.2. Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ ҳуқуқ надорад аз вазифаи хизматии худ ба манфиати ҳизбҳои сиёсӣ, итиҳодияҳои ҷамъиятӣ , аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ барои тарғиб истифода кунад ва аз номи Ваколатдор эътирозҳои оммавӣ изҳор намояд.

2.3. Ваколати Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ пеш аз муҳлат дар асоси аризаи ӯ ё бо қарори асосноки ВҲИ қатъ карда мешавад.

## III.Асосҳои ташкили фаъолият

3.1. Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар асоси амри ВҲИ таъсис дода мешавад.

3.2. Дар бораи таъсиси Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ аз тариқи ВАО хабар дода мешавад.

3.3. Ба Қабулгоҳи ҷамъиятӣ роҳбари он сарварӣ менамояд. Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятиро ВҲИ таъин ва озод менамояд.

3.4. Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ барои ташкили кори Қабулгоҳи ҷамъиятӣ масъул мебошад.

3.5. Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ ҳуқуқ дорад Қабулгоҳи ҷамъиятиро дар ташкилот ва муасисаҳо, дар кори машваратҳои илмӣ, семенару конференсияҳо дар доираи мақсаду вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муайян кардааст, намояндагӣ намояд.

3.6. Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ таъминоти моддӣ ва техникии Қабулгоҳи ҷамъиятиро ба амал бароварда, фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятиро дар рӯзҳо ва соатҳои пешбинишуда ва пешбурди коргузориро назорат менамояд.

3.7. Фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар асоси масъулияти шахсии Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳо ва иҷрои бовиҷдононаи вазифаҳои вогузоршуда амалӣ карда мешавад.

3.8. ВҲИ ҳар вакт метавонад фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятиро оид ба иҷрои вазифаҳои пешбинишуда мавриди санҷиш карор диҳад.

3.9. Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дорои мухру бланкҳо бо номи худ ва тасвири нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## IV. Мукарраротӣ хотимавӣ

4.1. Таъминоти ҳуқуқӣ, методӣ, иттилоотӣ ва моддию техникии Қабулгоҳҳои ҷамъиятиро Дастгоҳи ВҲИ амалӣ менамояд.

4.2. Масъалаҳои таъминоти моддӣ – техникии фаъолияти Қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла таъминоти маводи конселярӣ, адабиётҳои маълумотӣ ва ҳуқуқӣ, ҷуброни хароҷотҳое, ки барои иҷрои ваколатҳо сарф мешаванд ва дигар хароҷотҳо вобаста ба имконияти молиявӣ ва моддию техникии ВҲИ ҳал карда мешаванд.

4.3. Дар доираи салоҳияти худ ВҲИ метавонад Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятиро вобаста ба фаъолияти самараноки ӯ ҳавасманд намояд, инчунин барои ҳавасманд намудани ӯ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешниҳод манзур намояд.

4.4. Фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ бо ташаббуси ВҲИ қатъ карда мешавад.

**Бо фармоиши Ваколатдор
оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 октябри соли 2017 №4
тасдиқ карда шудааст**

## Низомномаи
## Шӯрои ҷамъиятии назди Қабулгоҳи ҷамъиятии
## Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Қабулгоҳҳои Ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, тартиби ташкил ва фаъолияти Шӯрои ҷамъиятии назди Қабулгоҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳукуки инсонро муайян менамояд.

### I. Мукаррарароти умумӣ

1.1. Шӯрои ҷамъиятии назди Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳукуки инсон (минбаъд - Шӯро) мақоми маслиҳативу машваратӣ ва ҳамоҳангсозӣ буда, бо максади мусоидат ба иҷрои вазифаҳои Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳукуки инсон (минбаъд – Қабулгоҳи ҷамъиятӣ) таъсис дода мешаванд.

1.2. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳбарӣ мегирад.

1.3. Низомномаи Шӯро аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (минбаъд - ВҲИ) тасдиқ карда мешавад.

### II. Вазифаҳо ва фаъолияти Шӯро

2.1. Вазифаҳои асосии Шӯро мусоидат намудан ба:

- Ба Қабулгоҳи ҷамъиятӣ барои амалӣ намудани ваколатҳои он;
- Дар амалӣ намудани масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ бо дигар мақомоту сохторҳо;
- Гузаронидани санҷишҳо оид ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва омода намудани маводҳои дахлдор аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳо ва пешниҳоди тавсияҳо ба ВҲИ;
- Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон бо мақсади пешниҳоди таклифҳо ба ВҲИ оид ба такмили қонунгузорӣ;
- Мусоидат ба таъмини ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- Баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон тавассути гузаронидани семинарҳо, «мизҳои мудаввар», маслиҳати ҳуқуқӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- Мусоидат ба Роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятӣ дар таҳияи ҳисоботҳо оид ба фаъолияти Қабулгоҳи ҷамъиятӣ;
- Татбиқи супоришҳо, дархостҳо ва дигар санадҳои ВҲИ дар маҳалли фаъолият;
- Таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳо оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон;
- Таҳлили вазъи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон дар маҳал;
- Омузиши карорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба мусоидати онҳо барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;
- Таҳияи хулосаҳои ташхисӣ оид ба амал (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон.
- Ба амал баровардани дигар фаъолият мувофиқи вазифаҳои дар Низомномаи мазкур муқарраргардида ва пешниҳодҳои ВҲИ.

2.3. Қарорҳои Шӯрои ҷамъиятӣ дар шакли протоколӣ қабул гардида, ҳусусияти тавсиявӣ доранд.

## III. Ҳайат ва тартиби ташкили Шӯро

3.1. Шӯро дар ҳайати Раис, муовини ӯ, котиб ва аъзоёни Шӯро таъсис дода мешавад. Ҳайати Шӯро аз намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунӣ фаъолони аҳолӣ, раисони маҳалла, вакилони ҳалқ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ, ВАО ва дигар шаҳсон, таъсис дода мешавад. Интихоби аъзоёни Шӯро бо протоколи ҷаласа ба расмиёт дароварда мешавад..

3.2. Шумораи аъзоёни Шӯро аз 7 то 15 нафарро ташкил медиҳад. Ҳайати Шӯро аз ҷониби ВҲИ ба муҳлати як сол тасдиқ карда мешавад. Аъзои Шӯро метавонад ба муҳлати дигар аз нав интихоб шавад.

3.3. Фаъолияти Шӯро дар асоси ҷамъиятӣ ба амал баровarда мешавад.

3.4. Шӯро метавонад комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ (гуруҳҳои корӣ) таъсис диҳад. Ҳайат ва тартиби фаъолияти комиссияҳо (гурӯҳҳои корӣ) аз ҷониби роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ ё худи Шӯро муайян карда мешавад.

## IV. Ташкили фаъолияти Шӯро

4.1. Шӯро мувофики Низомномаи мазкур аз ҷониби роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ ташкил ва барҳам дода мешавад.

4.2. Ба Шӯро роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ раисӣ мекунад.

4.3. Дар ҷаласаи якуми Шӯро аз ҳисоби аъзои Шӯро муовини Раиси Шӯро ва котиби Шӯро интихоб карда мешаванд.

4.4. Раиси Шӯро ба кори Шӯро роҳбарӣ менамояд, аз ҷумла

рӯзномаи ҷаласаро муайян мекунад, дар ҷаласаҳои Шӯро раисӣ мекунад.

4.5. Муовини Раис дар набудани Раиси Шӯро ба ҷаласаҳои Шӯро раисӣ мекунад.

## V. Тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро

5.1. Ҷаласаҳои Шӯро мувофиқи нақшаи тасдиқгардидаи солона на камтар аз як маротиба дар се моҳ гузаронида мешаванд.

5.2. Ҷаласаи Шӯро салоҳиятдор ҳисобида мешавад, агар дар он аз се ду ҳиссаи аъзоён иштирок намоянд.

5.3. Рӯзномаи ҷаласаро Раис муайян карда, аъзои Шӯро онро тасдик, мекунанд. Лоиҳаи карорҳоро Раис ва котиби Шӯро тайёр карда, аъзоёни Шӯро онро тасдиқ менамоянд.

5.4. Аъзои Шӯро ҳуқуқ доранд таклифҳои худро ба рӯзномаи ҷаласа пешниҳод намоянд.

5.5. Масъалаҳое, ки аз ҷониби аъзои Шӯро пешниҳод шудаанд, бо қарори Шӯро ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ доҳил карда мешаванд.

5.6. Аъзои Шӯро дар бораи вақт ва рӯзномаи ҷаласа ҷун қоида на дертар аз 7 рӯзи то саршавии он хабардор карда мешаванд.

5.8. Котиб на дертар аз 7 рӯзи саршавии ҷаласаи навбатии Шӯро ба ҳамаи аъзои Шӯро маводҳои ҷаласаро оид ба масъалаҳои муҳими рӯзнома мефиристонад.

5.9. Ҷаласаҳои Шӯро ба таври кушода ва бо иштироки ВАО мегузаранд.

## VI. Тартиби қабули қарорҳо

6.1. Қарорҳои Шӯро бо овози аз нисф зиёди аъзоёни Шӯро қабул карда мешаванд. Ҳар як аъзои Шӯро як овоз дорад.

6.2. Дар ҷаласаҳои Шӯро иштироки аъзоёни он ҳатмист. Аъзои Шӯро ҳуқуқ надоранд ваколаташонро ба дигар шахс вогузор намоянд. Дар сурати дар ҷаласа иштирок карда натавонистани аъзои Шӯро, ӯ ҳуқуқ дорад фикри худро оид ба масъалаи баррасишаванда ба таври хаттӣ пешниҳод намояд.

6.3. Ҷараёни ҷаласаи Шӯро дар протокол дарҷ мегардад.

6.4. Протоколи ҷаласаро котиби Шӯро таҳия мекунад ва онро на дертар аз се рӯзи баъди анҷоми ҷаласа тартиб медиҳад. Ба протоколи ҷаласаи Шӯро Раис ва котиби Шӯро имзо мегузоранд.

6.5. Нусхаҳои аслии протоколҳои ҷаласаҳои Шӯро мувофиқи тартиби муқарраргардида дар Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон нигоҳ дошта мешаванд. Иктибос аз протоколҳо ва нусхаи протоколҳои ҷаласаҳои Шӯро ба аъзоёни Шӯро бо талаби онҳо дастрас карда мешаванд.

## VII. Ба ҷаласаҳои Шӯро даъват намудани коршиносон

7.1. Ба ҷаласаи Шӯро бо пешниҳоди Раис ё аъзоёни Шӯро мутахассисон ва коршиносони соҳаи баррасишаванда метавонанд

даъват карда шаванд.

7.2. Коршиносони даъватшуда метавонанд ба комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ ҳамроҳ карда шаванд.

7.3. Коршиносони даъватшуда дар ҳолатҳои зарурӣ хулоса ва тавсияҳои хаттӣ пешниҳод менамоянд.

7.4. Коршиносон бо иҷозати Раиси Шӯро метавонанд дар ҷаласаҳои Шӯро ҳангоми муҳокимаи масъалаҳое, ки дар таҳияи онҳо ширкат варзидаанд, иштирок намоянд ва фикри худро нисбати масъалаҳои баррасишуда иброз намоянд.

## VIII. Ҳуқуқу вазифаҳои аъзои Шӯро

8.1. Аъзои Шӯро ҳуқуқ доранд:

- Оид ба рӯзномаи ҷаласа таклифҳо пешниҳод намоянд;
- Оид ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи Шӯро маводҳо омода намоянд;
- Дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишаванда иштирок намоянд;
- Ба лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои дар ҷаласа муҳокимашаванда тағйироту иловаҳо пешниҳод намоянд;
- Дар овоздиҳии масъалаҳои баррасишаванда иштирок намоянд;
- Дар дигар ҷорабиниҳое, ки мувофики Низомномаи мазкур ба фаъолияти Шӯро даҳл доранд, иштирок намоянд.

8.2. Аъзои Шӯро уҳдадоранд:

- Дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок намоянд;
- Ба ҷамъоварии иттилоот оиди риояи ҳуқуқи инсон дар маҳал ба роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ мусоидат намоянд;
- Қарори Шӯроро амалӣ намоянд.

8.3. Аъзои Шӯро, ки аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда намебароянд ва бе сабабҳои узрнок зиёда аз ду маротиба дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок наменамоянд, бо аксарияти овози аъзоёни он аз ҳайати Шӯро хориҷ карда мешавад.

## IX.Таъмини фаъолияти Шӯро

9.1. Таъмини ташкилӣ ва техникии фаъолияти Шӯро аз ҷониби роҳбари Қабулгоҳи ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон анҷом дода мешавад.